# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Насриддинзода Сайфиддин Насриддин дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (ш. Душанбе, 2025- 39 саҳ.).**

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мавзуи таҳқиқоти мазкур дар шароити имрӯза хеле мубрам ва муҳим арзёбӣ мегардад. Мубрам будани мавзуи таҳқиқот, пеш аз ҳама, бо афзоиши назарраси ҳолатҳои сироят бо вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷаҳон марбут аст. Тибқи маълумоти расмии оморӣ, шумораи шахсони гирифтори ин вирус ҳамасола зиёд шуда, боиси таҳдидҳои ҷиддӣ ба саломатии аҳолӣ ва амнияти ҷамъиятӣ мегардад. Муҳимияти мавзуъ, инчунин, бо он асоснок мегардад, ки сирояти ВНМО на танҳо паҳлӯҳои тиббӣ ва иҷтимоӣ дорад, балки ҳамчун масъалаи ҷиддии ҳуқуқӣ низ арзёбӣ мешавад.

Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардани дигарон бо ВНМО пешбинӣ шудааст (моддаи 125), ки татбиқи самараноки он баҳри пешгирӣ ва мубориза бо ин мушкилот нақши калидӣ дорад.

Муаллиф мубрамияти мавзуи интихобшударо дар муқаддимаи диссертатсия бо далелҳои қавӣ асоснок намуда, зарурати омӯзиши амиқи онро дар шароити илмиву амалии муосир исбот кардааст. Аз ҷумла, таҳлилҳои овардашуда нишон медиҳанд, ки ҷинояти сироят кардан ба ВНМО хусусияти пинҳонӣ дорад ва дар амал аксар ҷабрдидагон бинобар сабабҳои гуногуни иҷтимоӣ ё равонӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат намекунанд.

Тадқиқоти анҷомдодаи муаллиф ошкор намудааст, ки дар бисёр ҳолатҳо шахсоне, ки боиси сирояти дигарон мегарданд (махсусан дар доираи оила), бе ҷазо мемонанд, зеро ҷабрдидагон бо сабаби ҳастии

стереотипҳои анъанавӣ, набудани маълумоти кофии ҳуқуқӣ, вобастагии иқтисодӣ ва ҳолати вазнини рӯҳиву равонии худ аз шикоят кардан худдорӣ мекунанд. Ин вазъ зарурати такмил додани фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва механизми қонунии ҳимояи ҳуқуқҳои шахсони сироятшударо нишон медиҳад. Бо дарназардошти чунин ҳолатҳо, метавон гуфт, ки интихоби мавзӯи диссертатсия хеле ба мавқеъ буда, асоснокии илмии он возеҳу қотеъ таъкид гардидааст.

Аҳамияти мавзуи мазкур боз дар он аст, ки сирояти ВНМО метавонад ба оқибатҳои вазнин барои шахсони сироятшуда оварда расонад, аз ҷумла, паст шудани сифати зиндагӣ, маҳдуд шудани ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳатто ба марги пеш аз вақт сабаб гардад. Ин падида инчунин ба иқтисодиёти кишвар зарари калон расонида, боиси афзоиши хароҷоти давлатӣ дар бахши тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ мегардад. Дар баробари ин, сирояти ВНМО метавонад ба вазъи оилавӣ ва ҷомеавӣ таъсири манфӣ расонида, боиси болоравии сатҳи ҷинояткорӣ ва мушкилоти дигари иҷтимоӣ шавад.

Муаллиф мақсад ва вазифаҳои тадқиқотро дақиқ муайян намуда, объекти таҳқиқ ва предмети онро равшан мушаххас кардааст. Интихоби методология ва усулҳои таҳлил низ асоснок тавзеҳ дода шудааст, ки ба баланд гардидани эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқотӣ замина фароҳам меорад. Тадқиқоти мазкур ҳамаҷониба буда, ҷавҳари масъаларо ҳам аз лиҳози назариявӣ ва ҳам аз дидгоҳи амалӣ фаро мегирад. Муаллиф рушди таърихии қонунигардонии ҷавобгарӣ барои сироят кардани бемориҳои хавфнокро таҳлил карда, марҳилаҳои таърихии инкишофи масъулияти ҷиноятиро дар ин самт муайян намудааст. Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунҳои ҷиноятии чанде аз кишварҳои пасошӯравӣ муқоиса гардида, умумият ва фарқиятҳои онҳо ошкор шуда бошад ҳам, камбудиҳои қонунгузории миллӣ низ нишон дода шудаанд.

Навгонии илмии тадқиқот ва саҳми шахсии муаллиф пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки ин рисола аввалин таҳқиқоти монографӣ оид ба

масъаларо дар илмҳои ҳуқуқи Тоҷикистон ташкил медиҳад. Муаллиф бори аввал масъалаҳои назариявӣ ва амалии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан ба ВНМО-ро ба таври комплексӣ ва мунтазам таҳлил намуда, як силсила натиҷагириҳо ва пешниҳодҳои навоваронаро ба миён гузоштааст. Аз ҷумла, дар диссертатсия як қатор таклифҳои муҳим оид ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ пешниҳод шудаанд, ки аҳамияти назарраси илмӣ ва амалӣ доранд.

Муаллиф зарур мешуморад, ки ба моддаи 125 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон як аломати квалификатсионии нав – ба хатари сироят дучор кардани ду ё зиёда шахс – илова карда шавад. Ин яке аз ҳолатҳоест, ки сатҳи хавфнокии кирдорро бештар мекунад ва таҳкими ҷавобгариро тақозо дорад. Пешниҳоди дигари назаррас ворид намудани эзоҳи махсус ба ҳамин модда мебошад, ки тибқи он шахс дар ҳолате аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод мегардад, ки агар ӯ қаблан шахси дучори хатари сироятро аз бемории худ огоҳ намуда, ризояти ихтиёрии ӯро барои анҷоми амалҳо гирифта бошад. Ҳамчунин, муаллиф таъкид кардааст, ки сирояткунонии зани ҳомила бояд ҳамчун ҳолати алоҳидаи вазнинкунандаи ҷавобгарӣ пешбинӣ гардад (бо дарназардошти он ки дар ин ҳолат ҳаёти модар ва тифли оянда таҳти хатар қарор мегиранд).

Пешниҳод ва хулосаҳои болозикр бозгӯи навоварии илмии кори диссертатсионӣ ва саҳми шахсии муҳаққиқ дар рушди илми ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ мебошад.

Муаллиф бо ин пешниҳодҳо на фақат масъалаҳои мавҷударо ошкор намудааст, балки роҳҳои ҳалли онҳоро низ пешниҳод намуда, ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва амалия таъсири эҳтимолии мусбат мерасонад.

Бо вуҷуди ин, қайд кардан ба маврид аст, ки дар матни автореферат баъзе масъалаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд. Аз ҷумла, муаллиф пешниҳод кардааст, ки ба моддаи 125 КҶ ҶТ ҳамчун аломати вазнинкунанда ҳолати таҳти хатари сироят қарор додани ду ё зиёда шахс дохил карда шавад. Бо вуҷуди ин, саволе ба миён меояд: бидуни чунин меъёри махсус

ҳам, магар қонун имкон намедиҳад, ки шахс барои сирояткунонии якчанд нафар ба ҷавобгарӣ кашида шавад (масалан, бо татбиқи маҷмӯи ҷиноятҳо)? Муаллиф чӣ гуна зарурати ворид намудани ин тағйиротро асоснок мекунад ва оё омори мавҷуда зарурати чунин меъёрро тасдиқ менамояд? Дар робита ба ин, мехостем муаллиф ҳангоми муҳокимаи диссертатсия ба таври муфассал зарурати ворид намудани ин тағйиротро асоснок намуда, шарҳ диҳад, ки оё маълумоти омории мавҷуда зарурати қабули чунин меъёрро тасдиқ мекунад ё на.

Новобаста аз эроди мазкур, бояд қайд кард, ки дар маҷмуъ фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии муаллиф аз сатҳи баланди илмӣ, эҷодкорӣ ва масъулиятшиносӣ шаҳодат медиҳад ва ба рушду такомулёбии илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мусоидати назаррас менамояд, ки ин заҳмати илмии муаллиф сазовори дастгирӣ ва қадршиносии махсус мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Насриддинзода Сайфиддин Насриддин дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам» ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

Тақриздиҳанда:
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
Судяи суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе Раҳмон Д.С.

Имзои Раҳмон Д.С.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадр ва корҳои махсуси
Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Исозода Д.

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734042, ш. Душанбе, кучаи Шевченко 55, Тел.: (+992 37) 221 13 96. E-mail: info@sud.tj



10. 11. 2025.